Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ, Рустамов Раҳим Умаршоҳович ба диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод гардидааст**

## 1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Рушди нерӯи кадрии низоми маориф яке аз вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ дар саросари ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳо аз омӯзиши амалияи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки фароҳам овардани шароит барои рушди касбии кадрҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷрои як қатор корҳои муҳим, аз ҷумла аттестатсияи омӯзгорон, таъсиси вазифаҳои нав, мусоидат ба бозомӯзии навгониҳо, пардохтҳои иловагӣ ва мукофотҳо барои иҷрои вазифаҳои роҳбариро талаб менамояд.

Механизми мотиватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сурате комил дониста мешавад, ки агар он ба ҳаҷми қаноатбахши ҳавасмандгардонӣ асос ёбад. Ташаккули чунин механизм дар раванди фаъолияти МТОК ва дурнамои рушди он ба баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти олӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар шароити ҳозира таъсиси механизми муносиби идоракунии ҳайати кадрӣ дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод, аз ҷумла дар МТОК, ки ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки омилҳои инсониро таъмин менамояд, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Яке аз

самтҳои афзалиятноки механизми мазкур ҳамоҳангсозии чорабиниҳое мебошад, ки бо мақсади рушд ва такмили иқтидорҳои меҳнатии МТОК анҷом дода шуда, маҷмӯи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро фаро мегирад.

Нуқтаҳои қайдшуда мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро тасдиқ менамоянд.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) ба банди 5. – Иқтисодиёти меҳнат; 5.4. Системаи муносибатҳои «инсон-истеҳсолот» (намудҳо, муҳтаво, тақсимот, кооператсия, махсусгардонии меҳнат ва ғайра); қонуниятҳо ва тамоюлоти нави ташаккул, тақсимот, мубодила ва истифодаи қувваи корӣ; механизми баланд бардоштани самаранокии онҳо дар иқтисодиёти бозории иҷтимоӣ; роҳҳои истифодаи самараноки ҷойҳои кории амалкунанда ва нав; 5.6. Ҳавасмандгардонӣ ва музди кори кормандон; ташкили музди кор ва таъмини робитаи мутақобилаи он бо тахассуси ҳайати шахсӣ ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолкунӣ ва ҳавасмандкунии (мотивизатсияи) музди кор; 5.7. Проблемаҳои сифати қувваи корӣ, омодасозӣ ва ташаккули салоҳияти тахассусӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо; ташаккули қобилияти рақобатпазирии кормандон; самтгирии тахассусии аҳолӣ; зудамалии кадрҳо; 5.9. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, таҳаввули меъёрҳо, методҳои андозагирии омилҳо ва захираҳои болобарӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокии меҳнат мувофиқат мекунад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии диссертатсия дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар МТОК ифода меёбад.

Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона ба даст оварда шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

1. Муаллиф асосҳои назариявии муайянсозии мотиватсияи таъминоти кадриро дар асоси мактабҳои гуногуни иқтисодӣ омӯхта, бо дарназардошти шароити муосир, таърифи муаллифии онро таҳия кардааст. Аз нигоҳи муҳаққиқ мотиватсия ин ҳаракат ва рафтори одамон мебошад, ки ҳангоми амалӣ кардани рафтори мақсаднок бо меҳнати мушаххас ва абстрактӣ дар заминаи қобилияти зеҳнӣ ва амалисозии тартиби иҷрои он ифода мегардад ва ба хусусияти хос ва аслии рафтори корманд, шахси фаъолияткунанда дахл дорад.

2. Муҳаққиқ хусусиятҳои механизми мотиватсионии таъминоти кадрии МТОК, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, муайян ва ошкор намуда, тафовути асосии онро нисбат ба механизми мотиватсионии низоми иқтисоди нақшавӣ мушаххас ва асоснок кардааст. шудааст. Дақиқ карда шудааст, ки дар низоми муносибатҳои бозорӣ механизми мотиватсионие амал менамояд, ки дар он дар баробари ҳама гуна ҳаракатҳо мотиватсия низ ҷой дошта, ҳаракатҳо бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои муайян анҷом дода мешаванд.

3. Аз ҷониби муаллифи таҳқиқот таҳлили муқоисавӣ гузаронида шуда, иқтидори кадрӣ ва низоми мавҷудаи механизми мотиватсионии таъминоти кадрии МТОК муайян карда шудааст. Аз нигоҳи муҳаққиқ фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ва амалисозии механизми муосири мотиватсионӣ дар соҳа ба баланд бардоштани самаранокӣ ва мотиватсияи кормандон, инчунин ҷиҳати ҷалби мутахассисони ҷавони болаёқат ва баландихтисос мусоидат мекунад.

4. Натиҷаи таҳлилу омӯзиши омилҳои ба мотиватсия ва ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони МТОК таъсиррасон мушаххас ва асоснок карда шудааст, ки барои муайян намудани самаранокии кор ду омили асосӣ мусоидат менамояд, ки инҳо ҳавасмандгардонии моддӣ (музди меҳнат, мукофотҳои пулию молӣ) ва

маънавӣ (муносибати одилона ва қадрдонии заҳмати корманд) мебошанд.

5. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи хориҷиро оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар МТОК омӯзад ва ҷанбаҳои алоҳидаи онро, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти татбиқшавӣ доранд, ошкор намояд.

6. Дар асоси такмили чораҳо оид ба механизми мотиватсионии таъминоти кадрии МТОК пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия шудаанд. Аз нигоҳи муҳаққиқ дар низоми иқтисоди бозорӣ МТОК метавонанд стратегияи такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ, рушди тамоми бахшҳо ва падидаҳои марбути соҳа, инчунин такмили ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавиро бо назардошти якчанд равандҳо таҳия ва амалӣ намоянд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда

Ҳадафи тадқиқоти диссертсионӣ аз асосноккунии асосҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи таҳқиқот, иҷрои пурраи вазифаҳои гузоштašуда дар диссертатсия усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ, риёзию иқтисодӣ ва дигар усулҳои таҳқиқот истифода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи Барномаҳои давлатӣ оид ба мусоидат ба рушди соҳаи маориф, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳаммияти хосса дорад. Бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо

барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ баровардa шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

Натиҷаҳои дигари илмӣ ва амалии таҳқиқот дар ҷараёни тадриси фанҳои менеҷмент, менеҷменти инноватсионӣ, идоракунии кадрҳо, менеҷменти меҳнат, иқтисодиёти меҳнат ва менеҷменти кадрӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

### 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалиии аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот бадастомадаро метавон саҳми муҳим дар такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар МТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф истифода намуд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои гузаронидани тадқиқот дар самти такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар МТОК, инчунин қабули қарорҳои муайян дар муносибатҳои муосири идоракунӣ шароит фароҳам меорад. Моҳияти амалии тадқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос меёбад.

### 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муаллиф дар рафти омода намудани диссертатсия 12 мақолаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот рӯйи чоп овардааст, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Нашри мақолаҳои муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферат бо забони илмии тоҷикӣ омода гардида, тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмит дароварда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмии мукаммал буда, ҷиҳатҳои арзишманди илмию назариявӣ, методӣ ва дастовардҳои зиёди амалӣ дорад ва барои ҳимояи ошкорро қобили қабул мебошад. Дар баробари ин, таҳқиқот аз баъзе норасиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

1. Зербоби 1.1. моҳияти назариявии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ ном гирифтааст. Аммо хуб мешуд, агар муаллиф ақидаи олимони ватаниро мушаххасан дар ҳамин самт, яъне механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ мавриди омӯзиш қарор медод.

2. Дар зербоби 1.2. омилҳои ба таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсиркунанда омӯхта шудаанд. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар муаллиф омилҳоро аз мавқеи таъсиррасониашон ба омилҳои мусбию манфӣ дар шакли ҷадвал ва ё расм гуруҳбандӣ менамуд.

3. Дар зербоби 1.3, саҳ. 49-63, бештар ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта (Россия, Британияи Кабир, Олмон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Австралия) такя карда шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз таҷрибаи кишварҳои ИДМ васеътар истифода мебурд, боз ҳам сифати кор беҳтар мегардид.

4. Дар диссертатсия зербоби 2.1. муаллиф, хусусиятҳои хоси механизми ҳавасмандгардонии кадрҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯхтааст. Хуб мебуд, муаллиф агар хусусиятҳои механизми мазкурро дар муқоиса бо механизми ҳавасмандгардонии кадрҳои дигар соҳаҳои иқтисоди миллиро тавсиф медод.

5. Дар зербоби 2.3. ҳолати муосири рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ гардидааст. Барои натиҷаҳои таҳқиқот хуб мебуд, агар муаллиф аз нишондиҳандаҳои мушаххаси баҳодиҳӣ истифода мекард.

Бояд қайд намоям, ки норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Мазмуни диссертасия кифоятнок будани таҳқиқоти назариявӣ-амалӣ ва навгониҳои илмиро оид ба мавзуи таҳқиқшуда тавсиф менамояд. Хулосаҳои муаллиф, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, ҷиҳати рушди илми тоҷик, алахусус такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда мебошанд.

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушаххасоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию амалии мукаммалгардонии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901-Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали хотимаёфта буда, навгонии илмӣ ва унсурҳои таркибии он

кифоянок мебошанд ва дастоварди назарраси илмӣ махсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Рустамов Р.У.

**Имзои Рустамов Р.У.-ро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48.
Телефон: +992 (37) 234 -88-02.
E-mail: dsx_ips@mail.ru

«27» 08 2024